ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ТАВЗЕҲОТ | 2026-2028

**ба Дурнамои самтҳои асосии сиёсати давлатии молиявию буҷетӣ ва андозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Душанбе – 2025**

# МУНДАРИҶА:

1. Самтҳои асосии сиёсати буҷети давлатӣ

2. Дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар давраи миёнамуҳлат

3. Нишондиҳандаҳои асосии ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ

4. Хавфҳои эҳтимолии таъсиррасон ба иҷрои нишондиҳандаҳои асосии даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ дар солҳои 2026-2028

5. Самтҳои асосии хароҷоти буҷети давлатӣ дар давраи миёнамуҳлат

6. Хароҷоти мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ

7. Хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ

8. Хароҷоти соҳаҳои воқеии иқтисодиёт

9. Маблағгузориҳои асосии мутамарказ

10. Лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ

11. Хизматрасонӣ ва идоракунии қарзи давлатӣ

12. Касри буҷет

13. Буҷети заминавӣ

14. Ҳадди ниҳоии даромад, хароҷот ва касри буҷети давлатӣ нисбат ба дурнамои буҷети давлатӣ дар соли 2026

15. Шарҳи дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2027-2028

## 1. Самтҳои асосии сиёсати буҷети давлатӣ

Нишондиҳандаҳои дурнамои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026 - 2028 дар асоси муқаррароти моддаҳои 35, 36, 37 ва 38 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Кодекси андоз ва Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2024, №120-ф ва дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026 – 2028, ки аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст, омода гардида, марҳилаи аввали таҳияи лоиҳаи буҷети давлатиро дар бар мегирад.

Дар дурнамои лоиҳаи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026 - 2028 самтҳои муҳими рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, бахусус бахшҳои афзалиятдошта, ки дар паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ шудаанд, ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, инчунин тадбирҳои дар барномаҳои миллӣ, консепсияҳо ва дигар барномаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии барои давраи миёнамуҳлат пешбинишуда ва нишондиҳандаҳои дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти пайомадҳои таъсири хавфҳои эҳтимолии иқтисодии дохилӣ ва беруна ба инобат гирифта шудаанд.

Ҳамзамон, бо дарназардошти дурнамои ҷалби маблағҳои иловагӣ аз созмонҳои байналмилалӣ барои идомаи корҳои сохтмонӣ дар иншооти «НБО Роғун» дурнамои нишондиҳандаҳои қисми даромад, хароҷот ва касри буҷети давлатӣ барои давраи дар пешистодаи банақшагирӣ таҷдиди назар карда мешавад.

## 2. Дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар давраи миёнамуҳлат

Дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ барои солҳои 2026 - 2028 бо назардошти вазъи иқтисодии дохилӣ, тағйирёбии нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонии молию ашёӣ, ҷорӣ гардидани бастаи таҳримҳои иқтисодӣ нисбат ба шарикони асосии тиҷоратӣ, инчунин дигар

афзалиятҳои стратегии кишвар ва тамоюли рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ дар солҳои охир тарҳрезӣ карда шудааст.

Ҳамзамон, дурнамои мазкур бо мақсади иҷрои муқаррароти Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, барномаҳои қабулгардидаи давлатии соҳавӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ таҳия гардидааст.

Тибқи дурнамои болозикр дар соли 2026 суръати рушди воқеии Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар сатҳи 8,5 фоиз ё бо ифодаи номиналӣ дар ҳаҷми 195,5 млрд сомонӣ, дар соли 2027 – 8,3 фоиз (221,9 млрд сомонӣ) ва дар соли 2028 – 8,6 фоиз (250,9 млрд сомонӣ) пешбинӣ шудааст.

Аз ҷумла, нишондиҳандаҳои рушди соҳаи саноати ҷумҳурӣ, ки яке аз сарчашмаҳои асосии ташаккулдиҳандаи даромади буҷети давлатӣ ба ҳисоб меравад, бо дар назардошти амалигардонии ҳадафи чоруми стратегии мамлакат, яъне саноатикунонии босуръати кишвар, инчунин ба инобат гирифтани иқтидорҳои истеҳсолии корхонаҳои амалкунанда ва навбунёд ташаккул дода шуда, ҳаҷми он барои соли 2026 ба маблағи 78,9 млрд сомонӣ бо афзоиши номиналии 20,1 фоиз, дар соли 2027 ба маблағи 92,4 млрд сомонӣ бо афзоиши 19,9 фоиз ва соли 2028 ба маблағи 105,8 млрд сомонӣ бо афзоиши номиналии 19,9 фоиз пешбинӣ шудааст.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз рӯйи ҳама шаклҳои хоҷагидорӣ барои солҳои 2026 - 2028 мутаносибан дар ҳаҷми 92,6 млрд сомонӣ, 99,9 млрд сомонӣ ва 108,9 млрд сомонӣ бо рушди воқеии 8,4 фоиз, 8,5 фоиз ва 8,2 фоиз муайян гардидааст.

Дурнамои боркашонӣ тавассути ҳамаи намуди нақлиёт барои соли 2026 дар ҳаҷми 150,2 млн тонна, солҳои 2027-2028 мутаносибан 158,6 ва 167,2 млн тонна пешбинӣ шудааст.

Ҳаҷми умумии маблағгузориҳо ба сармояи асосӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ дар соли 2026 – 31,1 млрд сомонӣ, соли 2027 – 35,8 млрд сомонӣ ва дар соли 2028 дар ҳаҷми 40,5 млрд сомонӣ муайян гардидааст.

Гардиши савдои дохилӣ барои соли 2026 дар ҳаҷми 83,9 млрд сомонӣ бо суръати афзоиши воқеии 10,7 фоиз, барои солҳои 2027-2028 бо таносуби 93,4 млрд сомонӣ ва 102,8 млрд сомонӣ (мутаносибан суръати рушд 12,0 фоиз ва 10,8 фоиз) пешбинӣ шудааст.

Ҳаҷми гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2026 ба маблағи 10,0 млрд доллари амрикоӣ, дар соли 2027 ба маблағи

10,3 млрд доллари амрикоӣ ва дар соли 2028 бошад дар ҳаҷми 11,1 млрд доллари амрикоӣ пешгӯӣ карда мешавад.

Дар сохтори гардиши савдои хориҷӣ ҳиссаи содирот ҳамасола тамоюли афзоиш дошта, дар соли 2026 ба маблағи 2,4 млрд доллари амрикоӣ, дар соли 2027 ба маблағи 2,4 млрд доллари амрикоӣ ва дар соли 2028 ба маблағи 2,6 млрд доллари амрикоӣ нақшабандӣ гардидааст.

Ҳаҷми воридот дар соли 2026 ба маблағи 7,6 млрд доллари амрикоӣ, дар соли 2027-ум 7,9 млрд доллари амрикоӣ ва дар соли 2028 бошад ба маблағи 8,4 млрд доллари амрикоӣ пешбинӣ шудааст.

## 3. Нишондиҳандаҳои асосии ҳадди ниҳоии даромади буҷети давлатӣ

Нишондиҳандаҳои асосии ҳадди ниҳоии даромади Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026 - 2028 дар асоси муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Кодекси андоз ва Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет», фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2024, №120-ф ва дурнамои миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар барои солҳои 2026 - 2028 таҳия шуда, дар он нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ, дурнамои сатҳи тавваруи, қурби асъори миллӣ нисбат ба доллари амрикоӣ, нақшаи сармоягузориҳои давлатӣ, нишондиҳандаҳои воқеии даромади солҳои гузашта, баҳодиҳии нишондиҳандаҳои даромади буҷет то охири соли 2025, танзими имтиёзҳои андозҳои гумрукӣ, ҷорӣ гардидани унсурҳои рақамикунони дар низоми идоракунии молияи давлатӣ ва дигар омилҳои иқтисодию молиявӣ ба инобат гирифта шудааст.

Дар заминаи дурнамои рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ ҳадди ниҳоии даромади Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2026 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои воридот дар ҳаҷми 57797,3 млн сомонӣ пешбинӣ мегардад, ки ҳаҷми умумии он нисбат ба буҷети тасдиқшудаи соли 2025 ба маблағи 8215,2 млн сомонӣ ё ба андозаи 16,6 фоиз зиёд ва ба 29,6 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохили баробар мебошад.

Дар сохтори ҳадди ниҳоии даромади буҷети давлатӣ барои соли 2026 воридот аз ҳисоби даромади андозию ғайриандозӣ бо назардошти

грантҳо барои дастгирии буҷет дар ҳаҷми 43302,3 млн сомонӣ бо афзоиши 7826,0 млн сомонӣ (74,9 фоизи ҳаҷми умумии даромад), маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ 3600,7 млн сомонӣ бо афзоиши 672,1 млн сомонӣ (6,2 фоиз) ва татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 10894,3 млн сомонӣ бо коҳишёбии 282,9 млн сомонӣ (18,8 фоиз) нисбат ба соли 2025 пешбинӣ шудааст. Коҳишёбии нақшаи татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ асосан аз ҳисоби ба миён омадани фарқияти қурби байни дурнамои қурби пули миллӣ нисбат ба доллари амрикоӣ ба ҳисоб меравад.

Даромадҳои андозӣ барои соли 2026 дар ҳаҷми 39075,8 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст. Нишондиҳандаи мазкур дар қиёс ба буҷети тасдиқшудаи соли 2025 дар ҳаҷми 22,8 фоиз ё ба маблағи 7259,6 млн сомонӣ зиёд буда, 20,0 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.

Воридот аз ҳисоби даромадҳои ғайриандозӣ дар соли 2026 ба маблағи 3058,5 млн сомонӣ пешбинӣ гардида, афзоиши он нисбат ба буҷети тасдиқшудаи соли ҷорӣ 590,5 млн сомонӣ ё 23,9 фоизро ташкил медиҳад. Ҳаҷми он ба 1,6 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар мебошад.

Ба афзоиши даромади андозию ғайриандозии буҷети давлатӣ барои соли дарпешистодаи банақшагирӣ асосан рушди нишондиҳандаҳои макроиқтисодии мамлакат, бахусус рушди соҳаи саноат, дурнамои қурби асъори миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ, коҳиш додани иқтисоди пинҳонӣ тавассути ба роҳ мондани стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, амалӣ намудани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати вусъат бахшидани низоми пардохтҳои ғайринақдӣ, маъмурикунонии низоми андозу гумрук, бозбинии меъёрҳои амалкунанадаи пардохтҳои давлатӣ ва дигар тадбирҳои ислоҳотии иқтисодию молиявӣ мусоидат менамояд.

Дар лоиҳаи ҳадди ниҳоии даромади ҷории Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2026 воридот аз ҳисоби маблағҳои грантӣ барои дастгирии буҷети давлатӣ аз воситаҳои молиявии созмонҳои байналмилалӣ дар ҳаҷми 1168,0 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Дар соли 2026 воридоти маблағҳо аз ҳисоби хизматрасониҳои пулакии ташкилотҳои буҷетӣ дар ҳаҷми 3600,7 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст. Дар муқоиса, воридот аз ин ҳисоб нисбат ба нишондиҳандаи

соли 2025 ба андозаи 22,9 фоиз ё ба маблағи 672,1 млн сомонӣ афзоиш дода шудааст.

Нақшаи воридоти маблағҳои махсус тибқи дурнамои воқеии воридоти маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ дар марҳилаи дуюми банақшагирии буҷети мушаххас карда мешавад.

Азхудкунии маблағҳо дар доираи татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ бо дарназардошти дурнамои қурби пули миллӣ нисбат ба доллари амрикоӣ дар ҳаҷми 10894,3 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои қарзӣ 4774,2 млн сомонӣ (43,8 фоиз ҳаҷми умумии лоиҳаҳо) ва аз ҳисоби маблағҳои грантӣ 6120,1 млн сомонӣ (56,2 фоиз) пешбинӣ гардидааст.

Ин нишондиҳанда нисбат ба буҷети тасдиқшудаи соли 2025 аз рӯйи асъори миллӣ ба маблағи 282,9 млн сомонӣ ё 2,5 фоиз кам буда, ба 5,6 фоизи дурнамои Маҷмӯи маҳсулоти дохилии соли 2026 баробар мебошад.

## 4. Хавфҳои эҳтимолӣ дар равандӣ иҷро нагардидани нишондиҳандаҳои асосии даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ

Таъмини нишонидаҳандаҳои маҷмӯии даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ дар давраи миёнамуҳлат, яъне дар солҳои 2026 - 2028 аз як қатор омилҳои дохилӣ ва беруна вобастагӣ дошта, баинобатгирии онҳо дар раванди таҳияи буҷети давлатӣ лоиҳа муҳим арзёбӣ мегардад.

Аз ҷумла, идома ёфтани таҳримҳои иқтисодӣ нисбат ба шарикони асосии тиҷоратии ҷумҳурӣ, таъмин нагардидани дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ, махсусан дар соҳаи саноат, дар доираи нақшаи тарҳрезишуда ташаккул наёфтани маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ, лаппишҳои эҳтимолии қурбӣ, дар сатҳи зарурӣ ворид нагардидани сармояи мустақим, таъмин нагардидани фаъолияти самарабахши корхонаҳои азими давлатӣ ва дар сатҳи зарурӣ амалӣ нашудани раванди рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ.

Омили дигаре, ки ба ташаккули нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ таъсиррасон аст, ин истифодаи самараноки имтиёзҳои андозию гумрукии пешбинишуда мебошад.

Мақсад аз додани имтиёзҳо ин таъмини ҳавасмандгардонии молиявию иқтисодии андозсупорандагон ҷиҳати рушд додан ва васеъ намудани доираи фаъолияти соҳаҳои афзалиятнок, ҳавасмандгардонӣ ва

беҳтар намудани сатҳи иҷтимоии кормандон, фароҳам овардани шароити мусоиди иқтисодӣ барои рушди истеҳсолот ва ҷалби сармоя, инчунин дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар ҳалли мушкилиҳои хусусияти иҷтимоидошта маҳсуб меёбад.

Аз як тараф имтиёзҳо ва сабукиҳои пешбинишуда ба беҳтаргардонии фазои соҳибкорию сармоягузорӣ ва кам кардани монеаҳои маъмурӣ нигаронида шуда бошад, аз ҷониби дигар он хароҷоти андозӣ эътироф гардида, дар сурати ғайрисамаранок истифода шудан, бинобар маҳдудияти сарчашмаҳои андозбандӣ ва дар ин радиф бавуҷудоии мушкилоти молиявӣ дар тавозуни буҷети давлатӣ сарбории иловагиро ба миён меорад.

Дигар хавфи эҳтимолие, ки метавонад ба ташаккули сифатноки иҷрои нишондиҳандаҳои қисми даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ, инчунин мувозинатии он таъсири ҷиддии манфӣ расонад, ин тамоюли афзоиши хавфҳои фискалии корхонаҳои давлатӣ, аз ҷумла вобаста ба саривақт иҷро нагардидани уҳдадориҳои молиявӣ аз ҷониби корхонаҳои давлатӣ аз рӯйи созишномаҳои зерқарзӣ мебошад.

## 5. Самтҳои асосии хароҷоти буҷети давлатӣ дар давраи миёнамуҳлат

Сиёсати асосии хароҷоти буҷети давлатӣ дар соли 2026 ба рушди маҷмуии соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ, аз ҷумла маблағгузории мақсадноки соҳаҳои маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мақомоти идоракунӣ, нақлиёт, энергетика ва кишоварзӣ, инчунин баланд бардоштани сатҳу сифати некӯаҳволии мардум, таъмини амнияти давлатӣ, бехатарии озуқаворӣ ва дигар самтҳои афзалиятдошта, ки дар ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномаҳои соҳавӣ пешбинӣ гардидаанд, равона карда мешаванд.

Дар асоси пешниҳодҳои вазорату идораҳои мутасаддӣ, ки аз ҳуҷҷатҳои стратегии соҳавӣ сарчашма мегирад, ҳадди ниҳоии хароҷоти буҷети давлатӣ барои соли 2026 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ дар ҳаҷми 59,6 млрд сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки он нисбат ба Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 30,5 фоизро ташкил дода, бо ифодаи номиналӣ нисбат ба буҷети тасдиқшудаи соли 2025 ба маблағи 8,0 млрд сомонӣ зиёд мебошад.

Дурнамои манбаҳои маблағгузории хароҷоти буҷети давлатӣ аз сарчашмаҳои зерин ташаккул дода шудааст:

- маблағҳои буҷетӣ дар ҳаҷми 45,3 млрд сомонӣ, бо афзоиши 7,6 млрд сомонӣ (20,1 фоиз);
- лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ дар ҳаҷми 10,9 млрд сомонӣ, бо коҳишёбии 282,9 млн сомонӣ (2,5 фоиз кам) бинобар анҷом ёфтани як қатор лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ.
- маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ дар ҳаҷми 3,4 млрд сомонӣ бо афзоиши 671,9 млн сомонӣ (24,6 фоиз).

Дар лоиҳаи ҳадди ниҳоии хароҷоти буҷети давлатӣ аз рӯйи уҳдадориҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла пардохти музди меҳнат аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 16,4 млрд сомонӣ бо афзоиши 26,4 фоиз пешбинӣ шудааст. Афзоиш аз ин ҳисоб, бо дарназардошти аз 1 сентябри соли ҷорӣ татбиқ гардидани марҳилаи навбатии зиёдшавии музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ ташаккул дода шудааст.

Вазни хоси маблағи умумии барои пардохти музди меҳнат пешбинишуда нисбат ба Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба анозаи 8,4 фоиз баробар гардида, нисбат ба нишондиҳандаи соли 2025 ба андозаи 0,6 банди фоиз зиёд мебошад.

## Хароҷоти буҷети давлатӣ аз рӯйи соҳаҳо

### 6. Бахши ҳокимият ва идоракунии давлатӣ

Дар соли 2026 барои маблағгузории бахши ҳокимият ва идораи давлатӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 2497,7 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 1889,2 млн сомонӣ, маблағҳои махсус 336,0 млн сомонӣ ва барномаи сармоягузориҳои давлатӣ 272,7 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки нисбат ба буҷети тасдиқшудаи соли 2025 ба маблағи 291,8 млн сомонӣ ва ё 13,2 фоиз зиёд мебошад.

Дар сохтори хароҷоти бахши ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ афзоиш нисбат ба соли 2025 асосан аз ҳисоби зиёдшавии музди меҳнат, ки тибқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 феврали соли 2025, №962 «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» дар ҳаҷми 20 фоиз ва воҳидҳои кории иловагии

ҷудогардида ба инобат гирифта шудааст, ки маблағи 168,3 млн сомониро ташкил медиҳад.

## 7. Хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ

Ҳадди ниҳоии хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ дар соли 2026 бо мақсади таъмини уҳдадориҳои давлат дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, инчунин мустаҳкам намудани заминаи моддию техникии ташкилотҳои соҳаҳои иҷтимоӣ, таъмини барномаҳо, беҳтар намудани хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва идомаи ислоҳот дар ин соҳаҳо ташаккул дода шудааст.

Дар сохтори хароҷоти буҷети давлатӣ маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ афзалият дошта, дар соли 2026 барои маблағгузории ин соҳаҳо аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо маҷмӯан 28,5 млрд сомонӣ бо афзоиши 19,0 фоиз пешбинӣ шудааст.

Хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ 47,8 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 14,6 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.

Ҳадди ниҳоии хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ дар ҳаҷми 24,8 млрд сомонӣ, маблағҳои махсус 2,1 млрд сомонӣ ва лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ дар ҳаҷми 1,5 млрд сомонӣ пешбинӣ карда шудааст.

Афзоиши хароҷоти соҳа асосан, аз ҳисоби зиёд гардидани фонди музди меҳнат, нафақа, идрорпулӣ, кумакпулиҳои иҷтимоӣ, меъёрҳои маблағгузории сарикасӣ дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва банақшагирии маблағгузории мақсаднок барои татбиқи барномаҳои қабулнамудани Ҳукумати кишвар, ташаккул дода шудааст.

### 7.1. Маориф ва илм

Ҳадди ниҳоии хароҷоти соҳаи маориф ва илм аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ дар ҳаҷми 13516,4 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 11162,7 млн сомонӣ, маблағҳои махсус 1415,7 млн сомонӣ ва лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 938,0 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки ҳаҷми умумии маблағгузории ин соҳа нисбат ба буҷети тасдиқшудаи соли 2025 ба маблағи 2606,9 млн сомонӣ ё 23,9 фоиз зиёд мебошад.

Хароҷоти соҳаи маориф аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 11162,7 млн сомониро ташкил дода, нисбат ба соли ҷорӣ 26,2 фоиз ё ба маблағи 2316,5 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Афзоиши ҳаҷми маблағгузорӣ ба соҳаи маориф асосан аз ҳисоби музди меҳнат 1814,8 млн сомонӣ, идрорпулӣ 50,3 млн сомонӣ, маблағгузории барномаҳои давлатии соҳавию минтақавӣ 33,5 млн сомонӣ, хароҷоти меъёри сарикасӣ ба ҳисоби миёна 285,2 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Маблағҳои муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки бо меъёри (сарикасӣ) ба сари ҳар як хонанда ва ҳар як мактаб пешбинӣ карда мешавад, дар соли 2026 бо дарназардошти афзоиши шумораи муассисаҳои таълимӣ ва кудакону хонандагон ба нақша гирифта шудааст.

Мувофиқи маълумоти пешниҳодгардидаи Вазорати маориф ва илм ба 1 январи соли 2025 дар ҷумҳурӣ 267 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ (синфҳои 1-4) бо фарогирии 11328 хонанда, 338 муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ (синфҳои 1-9) бо фарогирии 59741 хонанда ва 3141 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 1-11) бо фарогирии 2099379 хонанда дар назар дошта шудааст.

Инчунин, дар миқёсӣ кишвар 562 адад муассисаи давлатии таълимии томактабӣ фаъолият менамояд, ки дар онҳо 96277 тарбиятгиранда ҷалб карда шудааст.

Шумораи умумии ташкилоту муассисаҳои соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузоришаванда 5309 ададро ташкил медиҳад, ки аз он аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ 5016 муассиса ва буҷети ҷумҳуриявӣ 293 муассиса маблағгузорӣ карда мешавад.

## 7.2. Тандурустӣ

Соҳаи тандурустӣ яке самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат мансуб ёфта, маблағгузории он ҷиҳати таъмин намудани хароҷоти фаъолият ва нигоҳдории муассисаҳои тандурустӣ, мустаҳкам намудани заминаи моддию техникии онҳо, сохтмон ва азнавсозии муассисаҳои соҳа, маблағгузории афзалиятҳои соҳа, татбиқи механизмҳои муосири маблағгузорӣ, барномаҳо ва нашқаҳои соҳавӣ равона карда мешавад.

Ҳадди ниҳоии хароҷоти соҳаи тандурустӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ дар ҳаҷми 4946,9 млн сомонӣ пешбинӣ

шудааст, ки нисбат ба буҷети тасдиқшудаи соли 2025 ба маблағи 617,8 млн сомонӣ ё 14,3 фоиз зиёд мебошад.

Дар таркиби ҳадди ниҳоии хароҷоти соҳаи тандурустӣ барои соли 2026 ҳиссаи маблағҳои буҷетӣ 4153,8 млн сомонӣ (84,0 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети соҳа), лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 335,0 млн сомонӣ (6,8 фоиз) ва маблағҳои махсуси муассисаҳои соҳаи тандурустӣ 458,1 млн сомонӣ (9,2 фоиз)-ро ташкил медиҳад.

Дар зинаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ, мутобиқ ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2015, №827 унсури маблағгузории сарикасӣ амалӣ шуда, бо дарназардошти зиёд гардидани шумораи аҳолӣ аз рӯйи меъёри маблағгузории сарикасӣ маблағҳои зарурӣ пешбинӣ карда шудааст.

Воридоти маблағҳои махсуси соҳаи тандурустӣ дар доираи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2008, №600 «Дар бораи Тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ», инчунин бо баинобатгирии воридоти воқеии маблағҳои махсус дар солҳои қаблӣ ба нақша гирифта шудааст.

Маҷмӯан ҳадди ниҳоии хароҷоти соҳаи тандурустӣ бевосита барои нигоҳдори ва фаъолияти 387 беморхона бо теъдоди 57601 воҳиди корӣ, 105 дармонгоҳ бо теъдоди 3587 воҳиди корӣ, 169 муассисаи ҳифзи сиҳатии аҳолӣ бо теъдоди 8491 воҳиди корӣ, 38 адад дигар муассисаҳои фаъолияткунанда дар соҳаи тандурустӣ бо теъдоди 1453 воҳиди корӣ, 88 муассисаи кӯмаки аввалияи тиббӣ бо теъдоди 37247 воҳиди корӣ ва амалисозии дигар афзалиятҳои соҳавӣ пешбинӣ карда шудааст.

### 7.3. Суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ

Хароҷоти соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ барои таъмини аҳолӣ бо хизматрасонии иҷтимоии сифатнок, инчунин дастгирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, аз ҷумла нафақагирон, бекорон, маъюбон, бепарасторон, пиронсолон, оилаҳои камбизоату серфарзанд ва модарони яккаву танҳо, таҳкими заминаи моддию техникии муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ равона карда шудааст.

Ҳадди ниҳоии хароҷоти буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бо дарназардошти буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа

барои соли 2026 дар ҳаҷми 8017,0 млн сомонӣ пешбинӣ гардида, нисбат ба буҷети тасдиқшудаи соли 2025 ба маблағи 1054,8 млн сомонӣ ё 15,2 фоиз зиёд мебошад.

Хароҷоти соҳаи мазкур пеш аз ҳама барои таъминоти нафақа равона карда мешавад, ки аз рӯйи дурнамо хароҷоти он 6511,5 млн сомонӣ ё 81,2 фоизи буҷети соҳаро ташкил медиҳад.

Афзоиши хароҷоти соҳаи иҷтимоӣ аз ҳисоби зиёд гардидани нафақаи хизматчиёни мақомоти қудратӣ, шумораи нафақагирони суғуртавӣ ва давлатӣ, нафақаи кӯдакони маъюб ва маъюбони гурӯҳи якум, андозаи кумакпулии унвонии иҷтимоӣ барои оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат ва нигаҳдории муассисаҳои низоми иҷтимоӣ, ки аз талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда бармеояд, ташаккул дода шудааст.

## 7.4. Фарҳанг ва варзиш

Ҳадди ниҳоии хароҷоти буҷети соҳаи фарҳанг ва варзиш дар соли 2026 пеш аз ҳама барои рушди муассисаҳои соҳа, аз ҷумла рушди муассисаҳои фарҳанг, таъмиру барқарорсозии ёдгориҳои таърихӣ нигоҳдорӣ ва фаъолияти китобхонаҳо, осорхонаҳо, театрҳо, ансамблҳо, маҷмааҳои давлатӣ, телевизионҳо, матбуоти даврӣ, нашриётҳо, баргузории чорабиниҳои фарҳангию варзишии умумиҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ равона карда шудааст.

Дар лоиҳаи пешниҳодшуда ҳадди ниҳоии хароҷот барои соҳаи фарҳанг ва варзиш барои соли 2026 ба маблағи 1984,2 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки нисбат ба буҷети тасдиқшудаи соли 2025 ба маблағи 265,5 млн сомонӣ ё 15,4 фоиз зиёд мебошад.

Азхудкунии нақшаи барномаҳои сармоягузории давлатӣ дар соли 2026 нисбат ба буҷети соли 2025 ба андозаи 50,2 млн сомонӣ ё 34,9 фоиз кам мегардад.

Дар ҳаҷми умумии маблағҳои пешинишуда маблағҳои махсуси муассисаҳои соҳаи фарҳанг 58,6 млн сомониро ташкил медиҳанд.

Хароҷоти пешбинишудаи соҳа асосан барои нигаҳдории муассисаҳои соҳаи фарҳанг, ки 1352 ададро ташкил медиҳад, аз он аз фаъолияти 103 муассиса аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ва 1249 муассиса аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ ба амал бароварда мешавад.

## 8. Харочоти соҳаҳои воқеии иқтисодиёт

Ҳадди ниҳоии харочоти соҳаҳои воқеии иқтисодиёт дар асоси ҳадафҳои соҳа, аз ҷумла рушди бахши энергетика, нақлиёт ва коммуникатсия, дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар ин раванд, дар лоиҳаи ҳадди ниҳоии харочоти Буҷети давлатӣ барои соли 2026 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ ҷиҳати маблағгузории соҳаҳои воқеии иқтисодиёти кишвар маҷмӯан 15657,5 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки он ба 8,0 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар мебошад.

Харочоти соҳаҳои воқеии иқтисодиёт асосан аз ҳисоби сармоягузории асосии мутамаркази буҷети давлатӣ ва ҷалби сармоягузориҳои беруна пешбинӣ шудааст, ки аз сарчашмаҳои болозикр маблағгузорӣ дар ин самт маҷмӯан 13060,4 млн сомониро ташкил дода, он ба 83,4 фоизи харочоти умумии соҳа баробар мебошад.

Аз маблағи умумии барои соҳаҳои мазкур пешбинишуда ба соҳаҳои энергетика бо дарназардошти маблағгузории иншооти НБО “Роғун” 57,3 фоиз, нақлиёт ва коммуникатсия 17,9 фоиз, хоҷагии манзилию коммуналӣ 11,9 фоиз, кишоварзӣ 9,4 фоиз, саноату сохтмон 2,5 фоиз ва фаъолияти дигари иқтисодӣ ва хизматрасонӣ 1,0 фоиз рост меояд.

### 8.1. Хоҷагии манзилию коммуналӣ ва ҳифзи муҳити зист

Дар соли 2026 барои маблағгузории соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ ва ҳифзи муҳити зист 1860,7 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки ин 1,0 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил менамояд.

Дар соҳаи мазкур аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 1220,9 млн сомонӣ, 559,3 млн сомонӣ аз ҳисоби лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва 80,5 млн сомонӣ маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетии соҳа ба нақша гирифта шудааст.

Бо дарназардошти дар соли ҷорӣ ба анҷом расидани амалишавии як қатор лоиҳаҳои давлатии самоягузорӣ, аз ин ҳисоб маблағгузории соҳа нисбат ба нишондиҳандаҳои тасдиқшудаи соли 2025 дар ҳаҷми 116,5 млн сомонӣ кам пешбинӣ шудааст.

Дар давраи миёнамуҳлат маблағгузорӣ барои самтҳои афзалияноки соҳа, аз ҷумла таъмини чорабиниҳо вобаста ба ободонии вилоят, шаҳру ноҳияҳо ва деҳот, беҳтар намудани таъминоти аҳолии ҷумҳурӣ бо оби

тозаи нӯшокӣ, беҳтар намудани ҳифзи муҳити зист ва васеъ намудани ҳудуди майдонҳои ҷангалзор дар ҷумҳурӣ нигаронида шудааст.

## 8.2. Комплекси сӯзишворию энергетикӣ

Бо мақсади расидан ба истиқлолияти энергетикии мамлакат дар соли 2026 барои соҳаи комплекси сӯзишворию энергетикии кишвар 8978,3 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 3407,3 млн сомонӣ, барномаҳои сармоягузориҳои давлатӣ 5558,7 млн сомонӣ ва маблағҳои махсус 12,2 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар доираи маблағҳои пешбинишуда амалӣ гардидани афзалиятҳои муҳими соҳа, аз ҷумла идомаи корҳои сохтмони дар «НБО Роғун» ва сохтмону барқарорсозии системаи энергетикӣ ва сохтмони дигар нерӯгоҳҳои барқи обии хурду миёна, дар назар дошта шудааст.

Аз маблағҳои пешбинигардида барои рушди инфрасохторӣ соҳаи комплекси сӯзишворию энергетикӣ аз ҳисоби сармоягузории асосии мутамаркази буҷети ҷумҳуриявӣ равона намудани 3382,0 млн сомонӣ ва лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 5558,7 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст.

## 8.3. Кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор

Дурнамои хароҷоти буҷети давлатӣ дар соли 2026 барои соҳаи кишоварзӣ маблағи 1468,0 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 385,0 млн сомонӣ, лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 1048,8 млн сомонӣ ва маблағҳои махсус 34,3 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки нисбат ба буҷети соли 2025 ба маблағи 41,1 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Афзоиши хароҷоти соҳа асосан аз ҳисоби зиёдшавии музди меҳнат ба маблағи 25,2 млн сомонӣ, самоягузории асосии мутамарказ дар ҳаҷми 0,6 млн сомонӣ ва зиёдшавии воридот аз ҳисоби хизматрасонии пулакӣ дар соҳа ба маблағи 3,6 млн сомонӣ ташаккул дода шудааст.

Дар соли 2026 маблағҳо барои амалӣ намудани барномаҳои рушди соҳаи кишоварзӣ ва афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла барои иҷрои Барномаи маҷмуавии рушди соҳаи чорводорӣ ва чорабиниҳои зиддиэпизоотӣ, рушди муносибатҳои лизингӣ ва ташкил намудани марказҳои хизматрасонӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, Барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ ва чорабиниҳои мубориза бар зидди малах, инчунин ҷиҳати пешгирӣ намудани бемориҳои сироятии чорво, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ,

рушди соҳаи ҷангал ва аз худкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда пешбинӣ шудааст.

### 8.4. Саноат ва сохтмон

Дар лоиҳаи ҳадди ниҳоии хароҷоти буҷети давлатӣ барои соли 2026 бо мақсади рушди соҳаҳои саноату сохтмон 387,4 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 329,1 млн сомонӣ ва маблағҳои махсус 58,3 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки нисбат ба буҷети тасдиқшудаи соли 2025 ба маблағи 50,3 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Афзалияти соҳа асосан барои таъмини фаъолияти мунтазам ва таъмини нақшаи истеҳсоли металли қиматбаҳо ба Корхонаи махсуси (қазонии) давлатии ҷумҳуриявии "Тиллои Тоҷик", рушди инфрасохтор ва нигоҳдории минтақаҳои озоди иқтисодии "Суғд", "Данғара", "Панҷ", "Ишкошим" ва "Кӯлоб" ва татбиқи Барномаи рушди соҳаи геология барои солҳои 2021-2030 ҷиҳати бурдани корҳои омӯзишӣ-геологӣ равона шудааст.

### 8.5. Нақлиёт ва коммуникатсия

Дар соли 2026 хароҷоти умумии буҷети давлатӣ барои соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия дар ҳаҷми 2806,4 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 908,0 млн сомонӣ, маблағҳои махсус 35,2 млн сомонӣ ва лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 1863,2 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои буҷети соли 2025 ба маблағи 187,5 млн сомонӣ ё 6,3 фоиз кам мебошад.

Дар соҳаи мазкур татбиқи лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 1863,2 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки нисбат ба буҷети тасдиқгардидаи соли 2025 бо дарназардошти ба анҷом расидани амалишавии як қатор лоиҳаҳои давлатии самоягузорӣ ба маблағи 249,9 млн сомонӣ кам мебошад.

## 9. Маблағгузориҳои асосии мутамарказ

Ҳаҷми умумии сармоягузориҳои асосии мутамарказ дар соли 2026 ба маблағи 5778,9 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки нисбат ба буҷети тасдиқшудаи соли 2025-ум дар ҳаҷми 715,6 млн сомонӣ ё 14,1 фоиз зиёд мебошад.

Дар доираи маблағҳои болозикр барои сохтмони иншооти соҳаҳои иҷтимоӣ 1379,4 млн сомонӣ ё 23,9 фоиз, соҳаҳои воқеии иқтисодиёт 4030,4 млн сомонӣ ё 69,7 фоиз ва дигар соҳаҳо 369,1 млн сомонӣ ё 6,4 фоиз аз ҳаҷми умумии хароҷоти асосии мутамарказ пешбинӣ карда шудааст.

Сармоягузориҳои асосии мутамаркази буҷети давлатӣ нисбати соли 2025 бо назардошти ба инобат гирифтани маблағгузории иншоотҳои сохтмонии тибқи барномаҳои қабулнамудаи Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Маҷлиси вакилони халқи шаҳру ноҳияҳо афзоиш ёфтааст.

## 10. Лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ

Азхудкунии маблағҳо дар доираи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ дар соли 2026 дар ҳаҷми 10894,3 млн сомонӣ пешгӯӣ гардидааст, ки нисбат ба буҷети тасдиқшудаи соли 2025-ум 282,9 млн сомонӣ ё 2,5 фоиз кам мебошад. Яке аз сабаби асосии кам гардидани нақшаи лоиҳаҳо ин пеш аз ҳама ба анҷом расидани татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад.

Азхудкунӣ аз ҳисоби маблағҳои қарзӣ 4774,2 млн сомонӣ ё 43,9 фоиз, маблағҳои грантӣ 6120,1 млн сомонӣ ё 56,2 фоиз ва ҳиссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 167,8 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Татбиқи лоиҳаҳои мазкур дар соҳаҳои иҷтимоӣ дар ҳаҷми 1496,5 млн сомонӣ, соҳаҳои воқеии иқтисодиёт 9030,0 млн сомонӣ ва дигар соҳаҳо ба маблағи 367,8 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст.

Нишондиҳандаҳои лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ вобаста ба Стратегияи рушди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалиеи молиявӣ ба нақша гирифта шудааст.

## 11. Хизматрасонӣ ва идоракунии қарзи давлатӣ

Дар давраи дарпешистодаи банақшагирии буҷетӣ идоракунии қарзи давлатӣ дар доираи меъёрҳои муайняшудаи ҳуҷҷатҳои стратегӣ амалӣ карда шуда, бо мақсади дар сатҳи муътадил нигоҳ доштани қарзи давлатӣ ва хизматрасонӣ аз рӯйи онҳо, аз ҷумла иҷрои уҳдадориҳо аз рӯйи хизматрасонии евробондҳо ва уҳдадорҳои молиявӣ дар назди Хазинаи Байналмилалии Асъор, ки маҷмӯан 43,5 фоизи портфели хизматрасонии

қарзи берунаи давлатиро ташкил медиҳад ва дигар уҳдадориҳо ташаккул дода шудааст.

Дар дурнамои нишондиҳандаҳои ҳадди ниҳоии хароҷоти буҷети давлатӣ дар соли 2026 барои хизматрасонии қарзи давлатӣ маблағи 6542,6 млн сомонӣ (560,2 доллари амрикоӣ) пешбинӣ шудааст, ки нисбат ба буҷети тасдиқшудаи соли 2025-ум 666,2 млн сомонӣ, ё ин ки 11,3 фоиз зиёд мебошад.

Аз ин маблағ барои хизматрасонии қарзи давлатӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ дар соли 2026 дар маҷмӯъ равона намудани 4467,6 млн сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки ин нисбат ба буҷети тасдиқшудаи соли 2025 дар ҳаҷми 312,0 млн сомонӣ зиёд мебошад. Аз маблағи пешбинишуда барои хизматрасонии қарзи беруна 4292,2 млн сомонӣ ва хизматрасонии қарзи дохилӣ 175,4 млн сомонӣ рост меояд.

Дар соли 2026 барои таъмини уҳдадориҳои молиявӣ аз рӯйи хизматрасонии қарзи беруна маҷмуан 4292,2 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки аз ин барои пардохти қарзи асосӣ 3336,2 млн сомонӣ (нисбат ба соли 2025 ба маблағи 331,2 млн сомонӣ зиёд) ва фоизи истифодабарии қарз  955,9 млн сомонӣ (нисбат ба соли 2025 ба маблағи 15,9 млн сомонӣ кам) равона мегардад. Маблағи барои ин мақсад пешбинишуда нисбат ба соли 2025 дар ҳаҷми 315,3 млн сомонӣ ва ё 7,9 фоиз зиёд мебошад.

Ҳамзамон, пардохти қарзи асосии берунаи давлатӣ дар ҳаҷми 1754,7 млн сомонӣ аз ҳисоби корхонаҳои давлатӣ, ки барои рушди онҳо таҳти кафолати давлатӣ маблағҳои қарзӣ ҷалб гардидаанд, ба нақша гирифта шудааст.

Сабаби зиёд гардидани маблағи хизматрасонии қарзи беруна вобаста аст ба аз худ намудани қарзҳои ҷалбнамуда аз созмонҳои байналмилалии молиявӣ, ба итмом расидани муҳлати имтиёзнок ва оғози пардохти қарзи асосӣ, инчунин пардохти марҳилаи навбатии евробондҳо ва баргардонидани маблағҳои қарзии аз Хазинаи Байналмилалии Асъор дар давраи Ковид-19 ҷалб гардида, ба ҳисоб меравад.

## 12. Касри буҷет

Дар соли 2026 барзиёдии хароҷоти буҷет нисбат ба даромад - яъне касри буҷети давлатӣ дар ҳаҷми 0,9 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ пешбинӣ гардида, маблағи он 1760,6 млн сомониро ташкил медиҳад.

Дурнамои касри буҷети давлатӣ нисбат ба соли 2025 ба андозаи 0,3 фоизи Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ё ба маблағи 248,6 млн сомонӣ кам пешгӯи карда мешавад.

Дар баробари ин, касри васеи буҷети давлатӣ бо дарназардошти қарзи баргардонишавандаи давлатӣ 3852,0 млн сомонӣ, ки аз он касри ҷорӣ 1760,6 млн сомонӣ ва қарзи давлатии асосии берун аз тавозун 1771,0 млн сомонӣ, қарзи дохилӣ 320,4 млн сомониро ташкил медиҳад. Маҷмӯан касри васеи буҷети давлатӣ дар ҳаҷми 2,0 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ пешгӯӣ карда мешавад.

Қисми зиёди маблағи касри васеи буҷети давлатӣ аз ҳисоби уҳдадориҳои корхонаҳои давлатӣ мутобиқ ба шартномаҳои зерқарзӣ ташаккул ёфта, руйпӯш намудани он аз ҳисоби  корхонаҳо амалӣ карда мешавад.

Дар соли 2026 пӯшонидани касри Буҷети давлатӣ аз ҳисоби иҷора ва фурӯши моликияти давлатӣ, барориши векселҳои давлатӣ, ҷалби даромадҳои иловагии депозитҳои буҷети ҷумҳуриявӣ, иҷрои барзиёдии даромади буҷети давлатӣ, қарзу грантҳои созмонҳои байналмилалии молиявӣ ва уҳдадориҳои молиявии корхонаҳои давлатӣ дар назар дошта шудааст, ки он ҳангоми пешниҳоди лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон  барои соли 2026» бозбинӣ карда мешавад.

## 13. Буҷети заминавӣ

Буҷети заминавӣ барои соли 2026 мутобиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои ҷумҳурӣ таҳия карда шудааст.

Дар соли 2026 ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети заминавӣ 57,5 млрд сомониро ташкил медиҳад, ки он ба 29,4 фоизи ММД-и соли 2026 баробар мебошад.

Буҷети заминавӣ барои соли 2026 аз рӯйи соҳаҳои мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ 2310,5 млн сомонӣ, мудофиа ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 5572,7 млн сомонӣ, маориф 13513,4 млн сомонӣ, тандурустӣ 4939,9 млн сомонӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ 7996,2 млн сомонӣ, фарҳанг ва варзиш 1946,2 млн сомонӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ 1739,2 млн сомонӣ, энергетика 8387,7 млн сомонӣ, сохтмон

ва саноат 387,4 млн сомонӣ, кишоварзӣ 1566,9 млн сомонӣ, нақлиёт ва коммуникатсия 2242,8 млн сомонӣ мебошад.

Буҷети заминавӣ нишондиҳандаи ҳисобӣ барои ташаккули буҷет, ки самтҳои асосии хароҷот (нигоҳдории фаъолияти сохторҳои мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ), лоиҳа ва барномаҳоеро ташкил медиҳад, ки маблағгузории онҳо дар солҳои гузашта шуруъ гардида, хароҷот барои афзалиятҳо ва самтҳои нави сиёсати давлатиро дарбар намегирад.

## 14. Ҳадди ниҳоии даромад, хароҷот ва касри буҷети давлатӣ нисбат ба дурнамои буҷети давлатӣ дар соли 2025

Мутобиқи талаботи қонунгузорӣ ҳамасола мавриди таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ нишондиҳандаҳои соли молиявии дарпешистода тасдиқ карда шуда, ду соли минбаъдаи он ҳамчун нишондиҳандаҳои назоратӣ мавриди корбарӣ қарор дода мешавад.

Дурнамои даромаду хароҷоти буҷети давлатӣ барои ду соли минбаъда нишондиҳандаҳои назоратӣ буда, вобаста ба тағирёбии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва рушди соҳаҳои иқтисодиёт, мутобиқи талаботи моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҷдиди назар карда шуда, ҳангоми пешниҳод намудани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ» аз нав баррасӣ карда мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки мавриди таҳияи буҷети давлатӣ барои соли 2025 дурнамои даромаду хароҷоти буҷети давлатӣ барои соли 2026 тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2024, №578 аз рӯйи даромад ба маблағи 53422,3 млн сомонӣ, аз рӯйи хароҷот ба маблағи 54922,5 млн сомонӣ ва касри он ба маблағи 1500,3 млн сомонӣ ё 0,8 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ пешбинӣ шудааст.

Тибқи лоиҳаи пешниҳодшуда ҳадди ниҳоии даромад ва хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2026 аз рӯйи даромад дар ҳаҷми 57797,3 млн сомонӣ, хароҷот 59557,9 млн сомонӣ ва касри он ба маблағи 1760,6 млн сомонӣ ё 0,9 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ муайян карда шудааст.

## 15. Шарҳи дурнамои нишондиҳандаҳои асосии буҷети давлатӣ барои солҳои 2027 - 2028

Дар асоси дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ, ки аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдо таҳия шудааст, даромади умумии буҷети давлатӣ дар соли 2027 дар ҳаҷми 62,5 млрд сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Дар сохтори ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ барои соли 2027 даромади ҷорӣ бо дарназардошти грантҳо барои дастгирии буҷет 48,2 млрд сомонӣ, маблағҳои махсуси ташкилотҳо буҷетӣ 3,6 млрд сомонӣ ва маблағҳои лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 10,7 млрд сомониро ташкил медиҳад.

Ҳаҷми умумии хароҷот дар соли 2027 дар ҳаҷми 64,2 млрд сомонӣ, аз ҷумла 50,1 млрд сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ, 10,7 млрд сомонӣ маблағҳои лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва 3,4 млрд сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ тарҳрезӣ шудааст.

Касри буҷет дар соли 2027 барорбар ба 0,8 фоизи ММД ё ба маблағи 1755,1 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ барои соли 2028 ба маблағи 69,2 млрд сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби даромади ҷорӣ бо дарназардошти грантҳо барои дастгирии буҷет 54,9 млрд сомонӣ, маблағҳои махсуси ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ 3,8 млрд сомонӣ ва аз ҳисоби маблағҳои лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 10,6 млрд сомонӣ дар назар дошта шудааст.

Хароҷоти умумии буҷети давлатӣ дар соли 2028 дар ҳаҷми 70,4 млрд сомонӣ, аз ҷумла 56,1 млрд сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ, 10,6 млрд сомонӣ маблағҳои лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва 3,7 млрд сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои махсуси ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ пешбинӣ гардидааст.

Касри буҷет барои соли 2028 баробар ба 0,5 фоизи ММД ё ба маблағи 1171,5 млн сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Самтҳои асосии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2028 аз рӯйи манбаъҳои даромад ва самтҳои хароҷотии аз ҷониби вазоратҳои дахлдор пешниҳод гардида, нишондиҳандаҳои пешакӣ буда, бо дарназардошти тағйир ёфтани вазъи иқтисодию молиявӣ, ҳангоми таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои соли 2026» бори дигар дақиқ карда шуда, тибқи тартиби муқарраршуда аз нав манзур карда мешаванд.